# МАВЗӮИ 6. АСОСҲОИ МУОШИРАТИ КАСБӢ

*1. Мақсад ва мазмуни муошрати касбӣ*
*2. Омилҳои суҳбати гуворо дар фаъолияти касбӣ*
*3. Усулҳои забони муошират дар фаъолияти касбӣ*

## 1. Мақсад ва мазмуни муошрати касбӣ

***Муошират*** **-** ин муносибати байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки дар ҷомеа ба амал меояд.

***Муошрати касбӣ*** **-** ин баёни ақидаҳо, ки боран ҳалли ин ё он масъалаи корӣ равона карда мешавад.

Муошрати касбӣ бо мақсади муайян дар фаъолияти меҳнатӣ ба вуҷуд омада, дар шароити иктисоди бозаргонӣ барои ба даст овардани даромад барзиёд равона карда шудааст.

**Муошрати касбӣ чунин намудҳо дорад:**

***Суҳбати касбӣ*** - муошират байни якчанд нафар ҳамкорон, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои муайяни корӣ ва ё барқарор кардани муносибатҳои касбӣ ба амал бароварда мешавад.

***Суҳбати касбӣ бо телефон*** - воситаи алоқаи оперативӣ, ки барои осон ва зуд ҳал кардани муаммоҳои касбӣ мусоидат намуда, аз ҳар ду тараф қоидаҳои одоби гуфтугуи телефониро талаб менамояд (салом гуфтан. узрхоҳӣ намудан, сипосгузорӣ кардан ва ғайра).

***Маҷлиси касбӣ*** - яке аз воситаҳои пурмаҳсул барои ҷалб кардани ҳампешагон ба ҷараёни қабули қарор, воситаи идораи зердастон дар минтақа ва ё муассисаи корӣ мебошад.

***Мулоқоти касбӣ*** - дар масъалаҳои кори мубодилаи ақидаҳои ҳамкорон дар асоси коидаҳои муайян, ки бо иштироки якчанд нафар ба амал меояд.

***Пресс-конференсия*** - вохӯрии шахсони расмӣ (арбоби сиёсию давлатӣ, роҳбарон, мутахассисон, соҳибкорон ва дигарон) бо намояндаҳои расонаҳои хабарӣ бо мақсади ба аҳли ҷомеа расонидани маълумот доир ба масъалаҳои муҳим ба амал бароварда мешавад

***Суханронии оммавӣ*** - бо мақсади расонидани маълумот (даъват барои амалиёт, боваркунонӣ, огоҳсозӣ ва ғайра) ба шунавандагон садо медиҳад.

***Навиштаҷоти касбӣ*** - намуди хаттии муошират бо ҳамкорон,

ки тавассути почта ва ё шабакаи интернат ба амал бароварда мешавад.

***Мактуби касбӣ*** - ҳуҷҷати мухтасар, ки якчанд масъалаҳои кориро дар бар гирифта, он байни шахсони ҳуқуқӣ ва масъул ба амал меояд.

## 2. Омилҳои суҳбати гуворо дар фаъолияти касбӣ

Дар вохӯрии касбӣ мутахассис дар бораи шахсияти худ таассуроти мусбӣ бояд ба даст овард, ки бисёр пешравиҳои касбӣ ба он вобастаанд. Беш аз 90 фоиз таассуротҳо дар бораи шахс дар мулоқоти аввал пайдо мешаванд.

Ба ақлу заковат ва таҷрибаи худ нигоҳ накарда, ба вохӯрии касбии аввал омода бошед. Эълон дар бораи корро бори дигар хонед ва андеша кунед, ки оё шумо ба талаботҳои он ҷавоб дода метавонед? Ҳангомн вохӯрӣ шахси роҳбар пеш аз ҳама ба тарзи суханронӣ, рафтор ва намуди зоҳирии шумо эътибор хоҳад дод.

Барои гуворро гузаштани вохӯрии касбӣ қоидаҳои зеринро бояд дар хотир дошт:

1. Ба вохӯрӣ ҳеҷ гоҳ дер накунед. Баръакс барвақт омада ба сӯҳбат омода бошед. Агар хеле барвақт оед, дар берун интизор шавед.

2. Бо котиба гуфтугӯ карда, дар хотир доред, ки дар бораи шумо аз вай пурсон хоҳанд шуд.

3. Бо чеҳраи кушод, бо табассум, бо табъи болида, нерӯманд ва боваринок сухан ронед.

4. Ҳангоми сӯҳбат бемаврид сухан нагӯед ва аз мавзӯи кор берун набаромада, ба саволҳо мухтасар ҷавоб диҳед ва масъалаҳои заруририро пурсон шавед.

5. Аломатҳои муоширатро ба назар гирифта, ба ҳаракатҳои ҷисм ва тағйироти андоми ҳамсуҳбати худ диққат диҳед; ба ҳудуди шахсии вай дохил нашавед ва дастонатонро ба ҳам печонида нашинед, ки ин на аз рӯи одоб аст.

Маданияти муошират тавассути маданияти забон, имою ишора, ҳаракати ҷеҳра ошкор мегардад. Ба ҳама маълум аст, ки чи гуна ба руҳия ва вазъи одам дар ҳолатҳои гуногун ва ҳатто хеле мураккаб ҳам муносибати хайрхоҳона ва суханони ҳалим аз қабили “марҳамат”, “баракат ёбед”, “бубахшед”, “аз илтифотатон миннатдорам”, “ташаккур”, “бо қаноатмандӣ ба ҷо меорам”,

“иҷозат диҳед пурсам” ба таври сеҳрангез таъсир мерасонанд. Тарзи муомила, хусусияти муроҷиат ба дигарон аксаран тарзи ҷавоб, муомиларо дар коллектив, барқарор гардидани муносибатҳои дӯстона, рафиқона ё баръакс ихтилофу низоъро муайян менамояд.

## 3. Усулҳои забони муошират дар фаъолияти касбӣ

Усулҳои мухталифи забони гуфтугӯӣ, касбӣ, корӣ, илмӣ, бадеию образнок дар асарҳои санъат (ки ҳамаи дигар усулҳои номбаршударо дар бар мегирад) вуҷуд дорад. Асоси нутқро услубҳои гуфтугӯӣ ва адабӣ ташкил медиҳанд. Одами замони ҳозира забони гуфтугӯӣ ва адабиро баробар аз худ мекунад:

1. Забони гуфтугӯӣ дар рафти муомилаи ҳаррӯза бо падару модар ва атрофиён;

2. Забони адабӣ бошад, тавассути адабиёти бадеӣ, радио, телевизион, матбуот, системаи маълумоти умумӣ аз худ мешавад.

Боигарии маданияти забонӣ, захираи луғавӣ, образнокӣ, дурустӣ, мантиқияти нутқ на танҳо аз маълумотнокӣ, балки аз диққати шахс ба забон, аз кӯшиши инкишоф ва ғанӣ гардонидани нутқи худ вобастаанд. Ҳисси баланди калимасозӣ барои афзудани калима-мафҳум ба туфайли эҳсосот, ранг, бӯй, мусиқӣ, лаҳн, фикр ёрӣ мерасонад.

Дар инкишофи нутқи шифоҳӣ (даҳонӣ) мутолиаи адабиёти бадеӣ, аз ёд кардани шеър, машқҳо аз қабили нақли ҳикоя, тасвири симои шахс (портрет) табиат, амали ба адабиёти бадеӣ наздик, истифодаи луғатҳои гуногун роҷеъ ба маънои калимаҳои нав ва албатта донистани грамматика, муносибати бодиққатона ба ҳассосияти садои ҳам тамоми асар (лирики, фоҷиавӣ, мазҳакавӣ), ҳам монологи диологҳо (хурсандӣ, андуҳ, хафагӣ, латофату ғайрият, ҷиддият, тамасхӯромез, шӯхӣ – бо ҳама ваҷҳи ин вазъ рӯҳияи эҳсосот) таъсири зиёд мерасонад. Инчунин нисбат ба тарзи талаффуз ва ифодаи адабии калимаҳо, таваққуф ҳангоми нутқи даҳонӣ бодиққат будан зарур аст. Аз ин ваҷҳ панди бузургони Шарқро дар хотир нигоҳ доштан зарур аст:

То нек надонӣ, ки сухан айни савоб аст,
Бояд, ки ба гуфтан даҳан аз ҳам накушоӣ.

*Саъдӣ.*

Сухандони парварда пири куҳан.
Биандешад он гаҳ бигӯяд сухан.
Мазан бетааммул ба гуфтор дам!
Нек гӯӣ, агар дер гӯӣ, чӣ ғам!

*Саъдӣ.*